Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқишиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқишиносӣ) пешниҳод гардидааст (Душанбе, 2023)

Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақом ва накши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баланд аст, ки дар ин миён мақомоти прокуратура истисно нест. Мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хос дошта, фаъолияти он асосан ба таъмини назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави кишвар равона мегардад.

Мақомоти прокуратура бо назардошти соҳаҳои ҳуқуқии мавҷуда дорои вазъи ҳуқуқии гуногун мебошад, ки яке аз намудҳои маъмули он вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии он мебошад. Таҷрибаи таҳқиқоти илмии кишварҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи болозикр кайҳо таҳқиқ гардида, вобаста ба он рисолаҳои илмӣ таҳия шудаанд. Дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура аввалин маротиба аст, ки ба таври муфассал таҳлил гардидааст. Тазаккур бояд дод, ки масъалаи таҳқиқгардида дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни баҳснокро доро мебошад, ки ниёз ба таҳлил дорад. Дар иртибот

бо ин, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки мавзуи интихобгардида аз ҷониби муаллифи диссертатсия аз нигоҳи илмӣ мубрам буда, таҳлил ва омӯзиши пурраро талаб менамояд.

Зимни таҳлили автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки сохтори он ба талаботи дахлдори таҳияи автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст, ки он аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои ҷамъбастии таҳқиқот таркиб ёфтааст.

Аз мазмуни автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, ки ҳангоми таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи зиёди сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ истифода гардидааст, ки ин гувоҳи таҳқиқи ҳамаҷониба ва самараноки масъалаи мазкур аз ҷониби муаллиф мебошад.

Вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда мутобиқ ба масъалаҳои алоҳидаи баррасишаванда аст, ки тавре омӯзиши қисматҳои асосии таҳқиқот нишон медиҳад, дар маҷмуъ муаллиф вазифаҳои дар пеш гузошташудаи худро амалӣ намудааст.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро методи диалектикаи маърифатӣ ташкил медиҳад, ки барои омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватании давлатофарӣ, ниҳодҳои ҳуқуқии он аз дидгоҳи қонуниятҳои объективии инкишофи ҷамъиятӣ имкон медиҳад. Инчунин, ба ғайр аз методҳои умумиилмӣ, аз методҳои хусусии идроки илмӣ, аз ҷумла методҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мушаххасӣ-сотсиологӣ ва ғ. ба таври васеъ истифода карда шудааст. Истифодаи чунин усулҳои илмӣ имкон дод, ки масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар шакли хосаи илмӣ таҳлил гардида, андешаҳо ва консепсияҳои илмии муаллиф роҷеъ ба он таҳия гардиданд.

Муҳиммияти дигари таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои илмии аз ҷониби муаллиф таҳиягардидаро метавон дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади такмили қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти

амалии мақомоти прокуратураи кишвар истифода намуд. Зеро, натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои илмии аз ҷониби муаллиф таҳиягардида, аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, дар умум метавонанд самаранокиро вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти мақомоти прокуратура таъмин намоянд.

Дар алоқамандӣ бо гуфтаи боло муаллиф иброз намудааст, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки онро ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳия намудани консепсияи ислоҳоти мақомоти прокуратура, баланд бардоштани мақоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва таҳкими фаъолияти ниҳоди мазкур дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёди демократӣ истифода намудан мумкин аст. Тавсияҳои консептуалӣ-илмии таҳқиқот аз тарафи мақоми олии қонунгузорӣ ва иҷроияи кишвар дар такмили Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ, татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои ислоҳоти судӣҳуқуқии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва санадҳои дигари сиёсию ҳуқуқӣ метавонанд ба инобат гирифта шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар инкишофи илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, назарияи идоракунии давлатӣ, назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ ва ғ. кумак расонад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро мумкин аст дар ҷараёни таълим дар макотиби олии самти ҳуқуқшиносӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ва хизматчиёни давлатӣ истифода намуд.

Дар баробари таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур аз ҷониби муаллиф, ҳамчунин ба назари мо метавон дар автореферати таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ҳолати баҳснокро муайян намуд. Зербоби сеюми боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва таносуби он бо мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо» унвон гирифтааст, ки аз муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ хоҳиш карда мешавад, ки мафҳуми назорати прокурорӣ то кадом андоза ба сифати предмети омӯзиши илми ҳуқуқи маъмурӣ аст? Ҳарчанд, ки мафҳуми

мазкур дар илмҳои дигар, ба монанди илми назорати прокурорӣ омӯхта мешавад.

Ин ҳолати баёнгардида хусусияти баҳснокӣ дошта, баръакс аз мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муаллифи он бо услуби хоси илмӣ таҳия гардидааст, шаҳодат медиҳад.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло зикр намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия» дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, муаллифи он сазовори сарфароз гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Муқарриз:
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримов Ҳ.М.

Имзои Каримов Ҳ.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо вакорҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Шарипов У.А.

«04» 12 2023 с.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37)-231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj